# Ислом ин аст, ки: шаҳодат бидиҳӣ нест маъбуде барҳақ ҷуз Худо ва Муҳаммад фиристодаи Ӯ Таъоло аст, намозро барпой дорӣ, закот бидиҳӣ, рӯзаи моҳи Рамазон бидорӣ ва ҳаҷҷи Хона бикунӣ, агар тавонои онро дошта бошӣ

Аз Умар ибни Хаттоб (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: "Рӯзе мо назди Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) нишаста будем, ногоҳ марде зоҳир шуд, ки дар тан либосҳои бисёр сафед ва мӯйи сари бисёр сиёҳ дошт ва ҳеҷ асаре аз сафар (гард ва ғубор) бар ӯ дида намешуд ва касе аз мо низ ӯро намешинохт. Ӯ назди Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) нишаст ва зонуҳои худро бар зонуҳои он ҳазрат расонида кафҳои дастонашро болои ронҳояш гузошт ва гуфт: "Эй Муҳаммад маро аз Ислом хабар деҳ!" Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар бод) гуфт:" Ислом ин аст, ки: шаҳодат бидиҳӣ нест маъбуде барҳақ ҷуз Худо ва Муҳаммад фиристодаи Ӯ Таъоло аст, намозро барпой дорӣ, закот бидиҳӣ, рӯзаи моҳи Рамазон бидорӣ ва ҳаҷҷи Хона бикунӣ, агар тавонои онро дошта бошӣ". Он мард гуфт: "Рост гуфтӣ". (Умар Худованд аз ӯ розӣ бод) мегӯяд: "Мо аз он мард таъаҷҷуб кардем, ки худ суол мекунад ва боз мегӯяд: "Рост гуфтӣ". Он мард боз аз Паёмбари Худо пурсид: "Маро аз имон хабар бидеҳ?". Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: "Имон ин аст, ки ба Худо, ба фariштагони Ӯ, ба китобҳои Ӯ, ба паёмбарони Ӯ ва ба рӯзи охират имон дошта бошӣ, ҳамон гуна, ки ба тақдир ва неку бади он имон дошта бошӣ". Он мард гуфт: "Рост гуфтӣ ва сипас гуфт: маро аз эҳсон хабар бидеҳ?" Паёмбари Худо гуфт: "Эҳсон он аст, ки Худоро онгуна бипарастӣ, ки гуё Ӯро мебинӣ, агар ту Ӯро набинӣ, Ӯ туро мебинад". Он мард гуфт: "Аз (омадани) рӯзи қиёмат маро хабар деҳ!" Паёмбари Худо гуфт: "Дар ин мавврид шахсе, ки аз ӯ суол мекунед донотар аз суолкунанда нест". Он мард гуфт: "Пас аз нишонаҳои он рӯз маро бигӯ!" Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: "Аз нишонаҳои қиёмат ин аст, ки каниз (зан) хоҷаи худро зояд ва фақирони луч ва пойбараҳна, ва чӯпононро бубинӣ, ки дар қасру баландошёнасозӣ бо ҳам сабқат кунанд". Сипас он мард бархост ва аз назди мо рафт. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) пас аз андаке аз ман пурсид: "Эй Умар! Оё медонӣ ин марди суолкунанда кӣ буд?" Умар гуфт: "Худо ва паёмбараш беҳтар медонанд" Паёмбари Худо Гуфт: "Ӯ Ҷабраил аст, омада буд то барои шумо динатонро биомӯзад".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Умар ибни Хаттоб (Худованд аз ӯ розӣ бод) хабар медиҳад, ки Ҷабраил (Алайҳи салом)

дар сурати марди ношиносе ба назди саҳоба омад, ки либосаш бисёр сафед ва мӯи сараш бисёр сиёҳ буд ва асаре аз сафар, монанди гарду ғубор, либоси чиркин ва мӯйҳои пароканда дар ӯ дида намешуд, ва касе аз ҳозирин, ки назди Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) нишаста буданд низ ӯро намешинохт. Сипас ӯ назди Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ҳамчун як шахсе, ки мехоҳад чизе биомӯзад нишаст ва ӯ (с)-ро аз Ислом пурсид ва Паёмбари Худо дар посух ба ӯ рукнҳои зерро номбар фармуданд: бар забон овардани калимаи шаҳодатайн, барпо доштани намозҳои панҷгона, адо кардани закот, рӯза доштани моҳи Рамазон ва Ҳаҷ кардан барои касе, ки тавони онро дорад. Вақте суолкунанда ба Паёмбари Худо гуфт: рост гуфтӣ, саҳобагон дар таъаҷҷуб омаданд, ки чигуна шахсе мехоҳад чизе биомӯзад боз дар айни ҳол тасдиқ мекунад. (Яъне посухро худ аз пеш медонад). Сипас Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро аз имон пурсид, ва ӯ (с) дар посух аркони шашгонаро зикр намуданд, ки иборатанд аз: имон ба вуҷӯди Аллоҳ ва сифатҳои Ӯ Таъоло, ягонагии Ӯ Таъоло дар афъолаш, ба монанди халқ кардан, ягонагии Ӯ Таъоло дар ибодаташ, имон ба фариштагон, ки Худованд онҳоро аз нур офарида аст ва онон бандагони гиромие ҳастанд, ки нофармонии Худовандро намекунанд ва бо амри Ӯ Таъоло амал мекунанд, имон ба китобҳои нозилшуда бар паёмбарон, ба монанди Қуръон, Таврот, Инҷил ва дигар китобҳо, имон ба паёмбарон, ки дини Худоро нашр мекунанд, ба монанди Нӯҳ, Иброҳим, Мусо, Исо ва охирин паёмбар Муҳаммад (Салому дуруди Аллоҳ бар ҳамаашон бод) ва дигар расулон ва паёмбарон. Имон ба рӯзи қиёмат, ки шомили марҳилаҳои баъд аз марг аст, ба монанди қабр, олами барзах ва инки инсон пас аз мурдан зинда карда шуда мавриди ҳисоб қарор мегирад ва сарнавишти ӯ ё ба сӯи биҳишт аст ё ба дӯзах, имон доштан бар инки Худованд тақдири ҳама мавҷудотро мувофиқ бо илми қадими Худ ва иқтизои ҳикмат ва иродааш қарор дода аст ва чигунае ки Ӯ Таъоло муқаддар сохтааст ҳамонгуна офарида ва воқеъ мешавад. Сипас Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)- ро аз эҳсон суол намуд. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд, ки эҳсон яъне Худовандро чунон ибодат кунад, ки гӯё Ӯ Таъолоро мебинад, агар ба ин мартаба даст наёфт пас Худовандро чунон ибодат кунад, ки Аллоҳ ӯро мебинад. Мартабаи аввал мартабаи мушоҳада аст, ки болотарин мартаба ва мартабаи дуввум мартабаи муроқибат аст. Сипас аз замони вуқӯъи қиёмат пурсид? Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён фармуданд, ки донистани замони вуқӯъи қиёматро Худованд ба худ ихтисос додааст ва касе аз махлуқот онро намедонад, на суолкунанда ва на шахси суолшуда. Сипас Паёмбари Худоро аз нишонаҳои қиёмат пурсид. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён фармуданд, ки яке аз нишонаҳои наздик шудани қиёмат зиёд шудани канизон ва фарзандони онон, ё ҳамон бадрафтории фарзандон бо модаронашон аст, ки гӯйӣ бо каниз ва зердасти худ рафтор мекунанд, ва инки дунё чунон бар чӯпон ва фақирон рӯй меорад, ки дар сохт ва ороиши қаср ва баландошёнаҳо бо ҳам фахрфурушӣ мекунанд. Пас аз онки ӯ аз назди Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) мунсариф шуд Паёмбари Худо хабар доданд, ки он шахс Ҷабраил буд, омада буд то ин дини ҳанифро бар саҳобагон биомӯзад.